


Китоби муҳаққиқ Саймуддин Мирзоев таҳти унвони «Афғонистон; чолиш ва таҳдидҳо» тавассути нашриёти «Ирфон» дар муҳити иттиллоотии кишвар бо забони русӣ ба табъ расид.

Боиси ташаккур ва сипосгузории аст, ки муаллиф бо зеботарин шеваи илмӣ ва усули таҳқиқотӣ масоили печидаву мубрам, буҳрон, мушкилоти рӯз ва омилҳои пайдоиши таҳдиду хатар ва хушунату тундагароиро дар кишвари Афғонистон мавриди баррасӣ қарор додаст. У зимни баррасии масоили зикргардида, сарчашмаи пайдоиш, омилҳои шаклгирӣ ва тавсеаёбии ҳаракатҳои террорнистӣ ва экстремистиродар Чумҳурии исломии Афғонистон муаррифӣ намуда, роҳҳои таъмини амнияти давлатдории миллӣ ва муковимат алайҳи хамагуна ҳаракатҳои тундрав ва иртиҷоиро нишон додаст.

Китои мазкур дар шинохти бархурди манфиатҳои бузург ва қудратҳои ҷаҳонӣ, ки дар кишвари Афғонистон саҳми калидӣ доранд, аҳаммияти ҷиддӣ дорад.

Муаллиф дар асоси санадҳои таърихӣ ва далоили қавии таҳлилӣ сабабҳои аслӣ ва калидии бурҳони сиёсӣ, иҷтимоӣ,амниятӣ ва иқтисодии ЧИА нишон дода, изҳор доштааст, ки ин авомил боиси тақвиятёбӣ ва решадавонии таҳдид ва хатарҳои байналмилалии террористӣ гаштааст.